**ХУЛОСАИ**

**комиссияи ташхиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи “Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст.**

Комиссияи экспертӣ дар ҳайати доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Султонов З.С. (раиси комисия), доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҳикматов У.С. (аъзо) ва доктори илмҳои иқтисодӣ Хоҷаев П.Д. (аъзо), ки бо қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 23.11. 2023, суратмаҷлиси № 46 таъсис дода шудааст, диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷоновичро дар мавзӯи “Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт”, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, баррасӣ намуда, хулосаи зерин баровардаанд:

1. **Муҳимияти мавзуи таҳиқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович - “Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт”, муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида дониста шуда, меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмӣ-назариявӣ, ташкилӣ-методии низоми пардохти миллӣ дар шароити иқтисодиёти рақамиро дар бар мегирад.

Таъсири бевоситаи технологияҳои рақамӣ ба соҳаи молиявӣ солҳои охир рушд карда истода аст. Ташаккул ёфтани хизматрасониҳои навини пардохткунӣ дар пояи технологияҳои иттилоотии муосир ба ҳайси тамоюли муҳими муосир баромад мекунад. Дар шароитҳои иқтисодиёти рақамӣ на танҳо низоми пардохтҳо, балки шакли пул ва абзори ба пардохту мубодилаи он алоқаманд низ тағйир меёбад. Ба рушди технологияҳои навини пардохтӣ ҳамчунин равандҳои паҳншавӣ ва вусъатёбии интернети баландсуръат ва таҷҳизотҳои мобилӣ, технологияҳои ҳушманд тавъам мебошанд, ки дар ҳамбастагӣ онҳо ба рушди ҳисоббарориҳои рақамӣ ва ба миён омадани мафҳумҳое, ҳамчун блокчейн ва пулҳои рақамӣ мусоидат мекунанд.

Низоми пардохтҳои миллӣ низоми муҳим ва элементи асосии иқтисодиёт кишвар ба ҳисоб меравад, ки тавассути он механизмҳои

пардохт, мубоддила, иваз ва ба муомила баромадани асъор дар тамоми бахшҳои фаъолияти иқтисодӣ амалӣ карда мешавад. Дар шароити гузариш аз тарзҳои маъмули мавҷудбуда ба модели нисбатан самараноки ҳамкориҳои дар доираи низоми пардохтҳои миллӣ ба вуқуъ меомада аз вазъи муосири рақамикунонии шадиди ҷаҳонӣ берун моеяд, ки он айни замон анқариб ба тамоми соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодӣ табиқ гардида истода аст. Дар ин замина рушди ва тағйирёбии низоми пардохтӣ ва молиявӣ дар боираи табаддулоти иқтисодиёти рақамӣ метавонад омили тағйирёбии равандҳои иқтисодӣ ва ба вуҷуд омадани шаклҳои нави пардохт гардида, имкониятҳои васеъи дигаргуншавии сохтори системавии равандҳои молиявӣ гардида, боиси ба вуҷуд омадани низоми пардохти нави миллӣ гардад. Гуфтаҳо боло аз муҳим ва рузмарра будани мавзуи таҳқиқот шаҳодат медиҳанд.

2. Диссертатсия тибқи талаботи банди 61 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267) иҷро гардидааст. Диссертатсия дар кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро гадрдида, дар кафедраи мазкур муҳокима ва барои ҳимоя дар шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шудааст.

3. Хулосаи дар кафедраи дар кафедраи молия ва қарзи Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон қабулгардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

4. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33 ва 34 – и Тартиби додани дараҷаҳои илм, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқшаванда дар соҳаи молия ва низоми бонкдорӣ ба шумор меравад, ки он бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст.

5. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиноснамаи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, ки вобаста аз он ба шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Коммисияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 – юми декабри соли 2021, таҳти №349 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати комиссияи олии аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2021, таҳти №9 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

6. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳаҷми умумии 5,7 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла, 3,6 ҷузъи чопӣ аз муаллиф мебошад) ба табъ расонида шудаанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35-уми тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

7. Дар диссертатсияи Ҳалимов И.М. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarda шуданд, ки аз риоя шудани банди 37-и тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

8. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ҳалимов И.М. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чопнагардида мавҷуд нест.

9. Мутобиқи бандҳои 62-63-и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ва бандҳои 67, 69, 74-75, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267) ба ӯҳда гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Ҳалимов Иномҷон Мамадҷонович дар мавзуи «Рушди низоми пардохти миллӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба шурои диссертасионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

- Бо пешниҳоди комиссияи ташхиси шурои диссертатсионӣ муқарризони расмии диссертатсияи мазкур шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Шарипов Баҳром Маҳмудович**- доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, сарходими илмии Шуъбаи таҳқиқоти назариявӣ ва муносибатҳои байналмилалии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ;

- **Бобоев Нозимҷон Мансурович** - н.и.и., муаллими калони кафедраи молия ва андози МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”.

- Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон муқаррар карда шавад.

2. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани автореферат дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шурои диссертатсионӣ **Султонов З.С.**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Ҳикматов У.С.**

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Хоҷаев П.Д.**